آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

29 марти соли 2023
Чоршанбе
№ 25 (14933)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЗИЁД КАРДАНИ МУЗДИ МЕҲНАТ, НАФАҚА ВА КУМАКПУЛӢ

Ба мақсади таъмини пайдарпаии чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, инчунин афзун гардондани даромади шаҳрвандон нигаронда шудаанд:

**1. Аз 1 апрели соли 2023** миқдори нафақа ва кумакпулиҳо 7 фоиз зиёд карда шавад.

**2.** Аз 1 апрели соли 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

андозаи асосии ҳисоби нафақа – моҳе **347 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақали нафақа бинобар синну сол – моҳе **677 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақали нафақа бинобар ногиропӣ, аз он ҷумла нафақа бинобар ногиропӣ ҳангоми собиқаи нопурраи корӣ – моҳе **747 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ бинобар ногиропӣ, ки ба шаҳрвандони ғайриқобили меҳнат дода мешаванд ва кумакпулӣ ба ногиропҳо аз кӯдакӣ – моҳе **747 000 сӯм**;

миқдори ҳадди ақали нафақа, аз ҷумла кумакпулӣ ба шахсоне, ки дар натиҷаи ҷанги солҳои 1941-1945 маъюл шудаанд ва иштирокчиёни он, инчунин собиқ асирони ноболиғи лагерҳои консентрасионии фашистӣ ва шахсоне, ки дар давраи муҳосираи шаҳри Ленинград кор кардаанд – моҳе **3 296 000 сӯм**;

миқдори нафақа бинобар синну сол барои онҳое, ки ба миқдори ҳадди ақали муқарраршудаи нафақа бинобар синну сол аз (677 000 сӯм) то 747 000 сӯм мегиранд – моҳе **747 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ ба шаҳрвандони кӯҳансол, ки собиқаи зарурии корӣ надоранд – моҳе **535 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ ба намояндаи қонунии кӯдак, ки фарзандони ногирои то 18-солаи ба нигоҳубини берунӣ эҳтиёҷдоштаро нигоҳубин мекунад – моҳе **535 000 сӯм**;

миқдори кумакпулӣ барои як аъзои ғайриқобили меҳнати оилае, ки ба муносибати аз даст додани саробон кумакпулӣ мегирад – моҳе **535 000 сӯм** бо илова намудан **198 000 сӯмӣ** ба ҳар як аъзои навбатии оилаи ғайриқобили меҳнат;

миқдори ҳадди ақали нафақа барои як аъзои оилаи ғайриқобили меҳнат, ки ба муносибати аз даст додани саробон нафақа мегирад – моҳе **535 000 сӯм** бо додани нафақа ба ҳар як аъзои оилаи навбатии ғайриқобили меҳнат мувофиқи тартиби мавҷуда муқаррар карда шаванд.

**3. Аз 1 майи соли 2023** миқдори музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷавӣ **7 фоиз** зиёд карда шавад.

**4.** Аз 1 майи соли 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Ӯзбекистон:

миқдори ҳадди ақали музди меҳнат – моҳе **980 000 сӯм**;

андозаи асосии ҳисоб – моҳе **330 000 сӯм** муқаррар карда шавад.

**5.** Муқаррар карда шавад, ки:

**хароҷоти ба баланд бардоштани музди меҳнати** кормандони ташкилотҳои буҷавӣ **алоқаманд** аз ҳисоби маблағҳои буҷа, ки бинобар хароҷоти баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа, стипендия ва кумакпулиҳо ҷудо шудаанд, инчунин тарифҳо бинобар баъзе намудҳои хидматрасонӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои соли 2023» пӯшонда мешаванд;

**хароҷоти ба баланд бардоштани миқдори нафақа ва кумакпулиҳо алоқаманд** аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ ва Фонди ғайрибуҷавии нафақаи назди Вазорати иқтисодиёт ва молия пӯшонда мешавад.

**6.** Маблағгузорӣ бо воситаҳои иловагӣ, ки барои иҷрои талаботи Фармони мазкур заруранд, аз ҳисоби зиёд намудани хароҷоти буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ӯзбекистон амалӣ гардонда шавад.

Ба кормандон тавсия дода шавад, ки музди меҳнатро мувофиқи миқдори ҳадди ақали музди меҳнат зиёд намуда, пардохти музди меҳнатро на кам аз миқдори ҳадди ақали музди меҳнат, ки бо ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин намояд.

**7.** Вазорати иқтисодиёт ва молия:

якҷоя бо Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии ахбор ва коммуникатсияи оммавӣ корро оид ба васеъ равшан намудани мақсад, вазифаҳои Фармони мазкур ва натиҷаҳои пешбинишаванда дар воситаҳои ахбори оммавӣ, шабакаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ташкил намояд;

якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор дар муҳлати ду моҳ ба Девони Вазирон дар бораи тағйирот ва иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз Фармони мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

**8.** Ба зиммаи вазири иқтисодиёт ва молия Ш. Д. Кудбиев масъулияти шахсӣ барои ташкили самарабахши иҷрои Фармони мазкур гузошта шавад.

Баррасии рафти иҷрои Фармони мазкур, ҳамоҳангсозӣ ва назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳое, ки барои иҷрои он масъуланд, ба зиммаи муовини Сарвазир Ҷ. А. Қӯчқоров гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*28 марти соли 2023.*

## БА САРМОЯИ БОНКҲО ИНВЕСТИТСИЯҲОИ ХОРИҶӢ ҶАЛБ КАРДА МЕШАВАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев 28 март бо тақдимоти ҷалби сармояҳои хориҷӣ ба сармояи «Асакабонк» ва «Ӯзпромстройбонк» шинос гардид.***

Аҳамияти низоми бонк дар иқтисодиёт хеле калон аст. Дар натиҷаи ислоҳот дар ин соҳа дар се соли охир дар мамлакатамон ҳаҷми кредити бонк 2 баробар, сармояи бонк 1,6 баробар афзуд.

Бонкҳои ватанӣ бори аввал рейтинги байналхалқии бонуфузи кредитро ба даст оварда, дар бозорҳои сармояи байналхалқӣ евробондҳо ҷойгир намуданд.- Миқдори бонкҳои хусусӣ зиёд гардид.

Инчунин ба бозори Ӯзбекистон бонкҳои бонуфузи Венгрия, Қазоқистон, Гурҷистон, Туркия дохил гардиданд. Дар натиҷаи трансформатсияи «Ипотекабонк» ба сармояи он сармоягузори стратегии хориҷӣ дохил карда шуд. Дар идомаи ин кор ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ба сармояи «Асакабонк» ва «Ӯзпромстройбонк» ба нақша гирифта шудааст. Барои ин якҷоя бо институтҳои байналхалқии молия ва бонкҳои мазкур 30 нафар мутахассиси соҳибмалакаи соҳиби таҷрибаи байналхалқӣ ҷалб гардидаанд. Дар зарфи соли 2023 ба сармояи «Ӯзпромстройбонк» ҷалб намудани 125 миллион доллар, «Асакабонк» 100 миллион доллар пешбинӣ мегардад. Ба фаъолияти амалиётӣ IT-маҳсулоти замонавӣ ва беш аз 100 навъи нави хидмати бонкӣ татбиқ хоҳанд гардид.

Дар натиҷаи ин корҳо, тавре ки интизор меравад, бинобар ҷамъбасти соли 2027 даромади «Ӯзпромстройбонк» 1,61 баробар, сандуқи кредит 1,74 баробар зиёд мегардад. Дар «Асакабонк» депозит 1,71 баробар, ҳаҷми маблағи бонк 1,72 баробар меафзояд. Аз ҳама муҳимаш, боварӣ ба инҳо ва дигар бонкҳои Ӯзбекистон дар бозори байналхалқии молия афзуда, ҷолибияти онҳо барои сармоягузорон ва шарикони хориҷӣ меафзояд.

Зимни тақдимот доир ба ҷалб, намудани мушовирони байналхалқӣ ба ин чараён, афзоиши сармоя ва ҷалби сармояҳои иловагӣ ба бонкҳо супоришҳо дода шуд.

**ӮзА.**

## МУБОРАКБОДИҲОИ САМИМӢ

### ба муносибати моҳи шарифи Рамазон

Ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон, ки ғоя ва тамоюлҳои инсонпарварӣ, таҳаммулпазирӣ, меҳрубонӣ ва раҳмдилиро дар ҷомеа собит месозад, аз сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои хориҷӣ, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ, арбобони намоёни ҷамъиятӣ ва динӣ ба унвони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муборакбодиҳои самимӣ мерасанд.

Шарикони хориҷӣ дар паёмҳои табрикотӣ ба роҳбари кишвари мо ва мардуми сермиллати Ӯзбекистон эҳтироми амиқ ва орзуҳои неки сулҳ, оромӣ, шукуфоӣ ва комёбиҳои нав дар роҳи пешрафт ва шукуфоиро баён мекунанд.

Аз ҷумла, инҳо муборакбодиҳояшонро ирсол намуданд:
Подшоҳи Арабистони Саудӣ
**Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд**;
Валиаҳд, Раиси Девони Вазирони Арабистони Саудӣ
**Муҳаммад бин Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд**;
Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп **Таййип Эрдоған**;
Президенти Ҷумҳурии Мисри Араб
**Абдулфаттоҳ ас-Сиси**;
Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон **Иброҳим Раисӣ**;
Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб
**Муҳаммад бин Зоид Ол Наҳаён**;
Ноиб-президент, Сарвазири Аморати Муттаҳидаи Араб, ҳокими Аморати Дубай
**Муҳаммад бин Рошид Ол Мактум**;
Амири Давлати Қатар **Тамим бин Ҳамад Ол Танӣ**;
Муовини Амири Давлати Қатар
**Абдуллоҳ бин Ҳамад Ол Танӣ**;
Шоҳи Иордания **Абдуллоҳи II**;
Президенти Давлати Фаластин **Маҳмуд Аббос**;
Котиби генералии Созмони ҳамкории исломӣ
**Ҳусейн Иброҳим Тоҳа**;
Котиби генералии Созмони давлатҳои туркӣ
**Кубаничбек Омуралиев**;
Раиси Идораи мусулмонони Қафқоз шайхул-ислом
**Оллоҳшукур Пошозода**.

*Амвоҷи табрикҳо идома доранд.*




*Дар маҷмаи намоишгоҳи марказии «Ӯзэкспомарказ»-и пойтахт зери номи «Маҳсулоти хӯрокворӣ, ҷузъҳо ва технологияҳои коркард – UzFood» намоишгоҳи байналхалқӣ ба кори худ шурӯъ кард.*

*Дар маросими кушоиши чорабиние, ки бо ҳамдастии ширкати байналхалқии намоишгоҳи «Iteca Exhibitions» ва чанд ташкилоти расмӣ созмон дода шудааст, баромадкунандагон қайд намуданд, ки намоишгоҳи мазкур дар байни созмон, ширкат ва корхонаҳои маҳаллию хориҷӣ ба майдони ҳамкорӣ табдил хоҳад ёфт.*

*Бино ба таъкиди сардиректори ширкати байналхалқии намоишгоҳ Нигора Ҳасанова «UzFood» дар тӯли фаъолияти худ дар Ӯзбекистон истеҳсолгарони маҳаллиро ҳамаҷониба дастгирӣ намудааст.*

*Иштирокдорон дар павилонҳои намоишгоҳ ба таҷҳизоте мароқ зоҳир намуданд, ки ба истеҳсоли гӯшти чорвою паранда, азнавкоркарди гӯшт, саноати шир ва равған ихтисосонида шудаанд.*

***Дар акс:** лавҳае аз намоишгоҳ.*
***Аксбардор: Н. ҲАЙДАРОВ (ӮзА).***

## ДАР КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ БО НОЗИРОНИ САҲА ВОХӮРӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

***Барои дар асоси қонунгузории миллии мо ва талаботи байналмилалӣ гузаронидани раъйпурсии умумихалқӣ оид ба лоиҳаи Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» тамоми корҳои омодагӣ андешида мешаванд.***

Тавре қаблан хабар дода шуда буд, дар Тошканд ҳайати нозирони райъпурсии бюрои оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА) ба кори худ шурӯъ кард.

Намояндагии маҳдудро сафир Алберт Ҷонсон (Исландия) ва муовини ӯ Лусин Бадалян (Арманистон) роҳбарӣ мекунанд. Ҳайат аз 10 коршинос, аз ҷумла таҳлилгарони сиёсӣ, ҳуқуқӣ, соҳаи ВАО ва интихобот, ҳамоҳангсози нозирони дарозмуддат, кормандон ва мушовирони дафтари БИДҲИ иборат аст.

28 март дар Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо аъзои миссияи САҲА/БИДҲИ мулоқот баргузор гардид.

Тавре роҳбари намояндагӣ Алберт Ҷонсон дар ҷаласа изҳор дошт, миссияи маҳдуди бюрои оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон дар Ӯзбекистон пешниҳоди Комиссияи марказии интихоботро ҳамчун хоҳиши таъмини ҳадди аксари ошкорбаёнӣ ва демократия дар референдуми дарпешистода арзёбӣ мекунад. Ба ҷуз аз гурӯҳи аслии коршиносон, 14 нозири дарозмуҳлат низ ба ин миссия ҳамроҳ мешаванд.

Чунон ки дар маҷлис қайд карда шуд, миссия баъд аз рӯзи овоздиҳӣ изҳороти аввалини худро дар бораи фактҳои давраи пеш аз референдум ва давраи баъди он тақдим мекунад. Пас аз он гузориши ҷамъбастии дорои пешниҳоду тавсияҳо, ки ба такмили амалия ва қонунгузорӣ дар соҳаи ташкил ва гузаронидани раъйпурсӣ нигаронида шудааст, омода карда мешавад.

Дар навбати худ, зимни мулоқот раиси Комиссияи марказии интихоботӣ З. Низомхоҷаев оид ба такмили равандҳои раъйпурсӣ мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ, корҳое, ки дар заминаи омодагӣ ва баргузории раъйпурсӣ аз рӯйи нақшаи тақвимӣ, ки аз тарафи КМ ва қонунгузории миллӣ тасдиқ шудаанд, мунтазам анҷом дода мешаванд, маълумоти муфассал дод.

Ҷонибҳо оид ба идомаи ҳамкории мутақобилан самарабахш табодули афкор намуданд.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**мухбири ӮзА.**

## ҚОНУНИ МУКАММАЛ – ПОЙДЕВОРИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

***Маълум, ки сохтори ҳар як давлатро Сарқонуни он муайян мекунад. Инак, зиёда аз 30 сол мешавад, ки Сарқонуни Ӯзбекистон, ки дар асоси тамоюлҳои демократӣ қабул гардидааст, амал мекунад. Вале дар баробари тараққӣ кардани ҷамъият шуури одамон ҳам пеш меравад у талабот ҳам дигаргун мешавад. Аз ҳамин нуқтаи назар дар Ӯзбекистони Нав зарурати бо таҳрири нав қабул намудани Сарқонун ба миён омаду зиёда аз як сол боз муҳокимаи он идома дорад ва дар санаи 30 апрели соли ҷорӣ доир ба он раъйпурсии умумӣ барпо мешавад.***

Дар ин чараёни муҳими сиёсӣ барои фаъолона ширкат варзидан ҳоло дар ҷойҳо тадбирҳои ташвиқотӣ-тарғиботии вусъатнок бурда мешавад. Дар Донишгоҳи давлатии Тирмиз бо ташаббуси ҷавонони вилоят таҳти шиори «Конститутсия аз они ман, аз они ту, аз они мо, Конститутсия аз они худамон» дар асоси лоиҳаи нави қонун тадбири тарғиботӣ ва шоу-консерт баргузор шуд.

Дар тадбир донишҷӯёни муассисаҳои таълими олӣ, ҷавонони шаҳру навоҳӣ фаъол ширкат варзиданд. Дар он чемпиони ҷаҳон оид ба дзюдо Музаффарбек Тӯрабоев ва дигарон ба сухан баромада, дар бораи мавқеъ ва моҳияти Конститутсия дар ҳаёти мамлакат, дигаргуниҳо ва иловаҳои ба Сарқонун дохилшуда, аҳамияти ин дигаргуниҳо дар роҳи фаровонӣ, тарзи зист ва қадру қиммати инсон махсус таъкид карда, ҳамаро ба фаъол ширкат варзидан ба ин чараёни сиёсии тақдирсоз даъват намуданд.

**Абдурашид Ғаниев – сардухтури шифохонаи марказии ноҳияи Музработ, дорандаи нишони сарисинагии «Соғлиқни сақлаш аълочиси» мегӯяд:**

– Дар фазои Ӯзбекистони Нав ҳукм рондани сиёсати оқилона маро ба ҳаёти нав баргардонд. Дида истодаед ва худ гувоҳед, ки имрӯз ҳазорон бемороні муҳтоҷ ба ҷарроҳии технологияи баланду замонавии босифат дар худи Ӯзбекистон даво ёфта ба ҳаёт баргашта истодаанд. Барои ривоҷдодани соҳаи тиб аз ҷониби ҳукумат чӣ қадар ғамхориҳо зоҳир гардида, шифохонаҳои нави замонавӣ бунёд гардида, бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ таъмин мегарданд, дар соҳа дигаргуниҳои куллӣ ба амал бароварда мешаванд. Қадрдонҳои ман! Ба қадри ин рӯзҳо расед! Ба сифати шифокор – аъзои оилаам, наздиконам, ҳамкасбонам ва ҳамаи Шумо ҷавонони ояндасози кишварро даъват менамоям, ки ба раъйпурсии умумӣ фаъол ширкат варзед.

**Азиза Холбоева – дорандаи Мукофоти давлатии ба номи Зулфия, доктори фанҳои фалсафа (PhD):**

– Бо пешниҳоди як нафар духтари оилаи одӣ дар айни замон бинои нӯҳқабатаи замонавӣ – маркази илмӣ-тадқиқотӣ бунёд ёфта истодааст. Дар моддаи 53-юми Сарқонуни нав айнан корҳои илмӣ, тадқиқотӣ ва бадеии мо муҷассам ёфтааст ва он сад фоиз кафолат ҳам дода шудааст. Ҳар як кори илмӣ, тадқиқотии мо, ҳимояи интеллектуалии мулк айнан бо қонун муҳофизат карда мешавад. Фақат мо пайваста ҳаракат карданамон лозим.

**Рӯзигул Сафарова – роҳбари Саридораи захираҳои табиати вилояти Сурхондарё:**

– Як сол мешавад, ки ман санҷишҳои сахт ва тазйиқҳоро паси сар намуда, ба соҳаи худ баргаштам. Барои ба чунин шароит расидан сабаб чист? Дар Ӯзбекистони Нав зуҳур кардани ҳаёти нав, назари нав ба ин сабаб аст. Тағйирот ва иловаҳо дар моддаҳои Конститутсия ба соҳаи мо дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд меорад.

**Нодир Мамадалиев – соҳибкор:**

– Дар Сурхондарё аз ҳама калонтарин боғчаи бачагонаи хусусӣ бунёд месозам гӯён ният карда будам. Ҳозир боғчаи бачагонаи хусусии дорои 360 ҷой дорам, ки дар он 60 нафар бо кор таъмин гардидаанд. Аз имкониятҳои ба тадбиркорон додашуда истифода бурда, лоиҳаи кушодани мактаби хусусиро ба роҳ монда истодаам...

Дар чорабинӣ артистон бо иҷрои таронаҳои дилнишин табъи ҳозиринро болида сохтанд ва тадбир ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт. Аён буд, ки мардум, алалхусус ҷавонон ба ин райъпурсӣ, ки ояндаи Ӯзбекистони Наво муайян месозанд, бефарқ нестанд. Аз ҳама муҳим ҳама дарк месозад, ки қонуни мукаммал пойдеворӣ давлати ҳуқуқбунёди Ӯзбекистони Нав хоҳад гардид.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# САРҚОНУНИ НАВ ШАҲОДАТИ ДАВРОНИ НАВИ РУШДИ ЎЗБЕКИСТОН АСТ




Дар Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон сабт шудааст, ки халқи мо ба ғояҳои демократия, адолати иҷтимоӣ, озодӣ ва баробарӣ содиқ медошад. Раванди адолати иҷтимоӣ мазмуну моҳияти ислоҳотеро, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии мамлакат татбиқ мешаванд, муайян кард.

Дар Фармони Президент «Дар бораи Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026» мақсади равандҳои адолат ва бартарияти қонунро шарти муҳимтарин ва зарууртарини пешрафт қарор додан мушаххас шудааст. Тавре ки мушоҳида мегардад, адолати иҷтимоӣ мақсади асосии ҳаёти ҷамъияти мо гардид. «Рушди ҷамъияти фаъоли шаҳрвандӣ ва ташаккул додани муҳити эҳсоси шаҳрвандии эҳтиром ба қонун ва қонунписандӣ», ки дар моддаи 20-ум нишон дода шудааст, стратегияи вазифаҳоро ҳамчун баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ ва ҳуқуқдонии аҳолӣ, ба самарабахш роҳ мондани ҳамкории тарафайни мақомоти давлатӣ бо идораҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, расонаҳои ахбори оммавӣ ва муассисаҳои таълимӣ дар самти мазкур; ба роҳ мондани платформаи «Legal Tech», ки барои тайёр кардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ бидуни иштироки ҳуқуқшинос барои соҳибкорон ва шаҳрвандон, ба хусус табақаҳои камтаъмини аҳолӣ имконият фароҳам меоварад, мақсади воқеии раванди адолати иҷтимоиро инъикос менамояд.

Ин раванд дар Сарқонуни мо ва як қатор қонунҳои дигар, ҳамчунин Баённомаи умумии ҳуқуқи инсон сабт гардидааст.

Дар шароити сохтмони давлати ҳуқуқбунёди дорои адолати иҷтимоӣ, бо таъкиди ҳуввияти олии маънавии инсоният, нақши ҳалкунандаи онро бо аз байн бардоштани истисмор ва зўравонӣ нисбати шахс дар ҳаёти иҷтимоӣ таъмин менамояд. Асоси ахлоқии бартарияти қонун дар ҷамъиятро инсондўстӣ ва адолати иҷтимоӣ, ҳуқуқи инсон, шаъну шарафи ў ташкил медиҳанд. Адолати иҷтимоӣ мафкураи муҳим ва орзуи халқ ба шумор меравад, ки тўли асрҳо ташаккул ёфтааст, нақши он дар даврони ислоҳоте, ки дар ҷомеа ба миён меоянд, меафзояд.

Дигаргуниҳои демократие, ки дар мамлакат татбиқ мегарданд, намунаи равшани ба ҳаёт ҷорӣ гардидани раванди мазкур ба шумор мераванд.

Адолати иҷтимоӣ аз тариқи механизмҳои ҳуқуқие, ки воситаи тасбити ҳамоҳангӣ ва тартиби ҷомеаи одили байни иқтидори маъмурии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳамчунин таркиб ва имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд, татбиқ мешавад, вай бо мафҳумҳои озодӣ ва баробарӣ зич алоқаманд мебошад. Мафҳумҳои озодӣ ва баробарӣ дар якҷоягӣ бо қонун ба таҳкими адолати иҷтимоӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ хидмат мекунанд. Баробарии аъзои ҷомеа дар назди қонун, таъмин кардан ва ҳифз намудани ҳуқуқи инсон мақсади асосии раванди адолати иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Дар таҳрири нави Сарқонуни мо ба муҳимияти созмон додани асосҳои иҷтимоӣ, демокративу ҳуқуқӣ ва давлатдории куллан халқӣ, баланд бардоштани некуҳолии аҳолӣ, беш аз пеш мустаҳкам кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, шаъну шарафи вай, баргузор намудани озодкунии тамоми соҳаҳои ҳаёт эътибори махсус дода шудааст. Сарқонуни нав шаҳодати даврони наври рушди Ўзбекистон мебошад. Тавре ки роҳбари давлати мо таъкид намуд, агар мо ислоҳоти конститутсиониро аз тариқи раъйпурсӣ бо дарназардошти фикру ақида ва дастгирии шаҳрвандонамон татбиқ намоем, ин худ ифодаи озоди иродаи халқ мегардад.

Ҳоли ҳозир бобати тайёрӣ ба гузаронидани раъйпурсӣ ва таъмин намудани иштироки фаъоли аҳолӣ дар он корҳои васеъмиқёс татбиқ мешаванд. Сарқонуни нав – воқеан халқист, бинобар ҳамин ҳам мо бояд дар раъйпурсӣ ихтиёран ва бо эҳсоси дахлдорӣ ба тақдири Ватан иштирок кунем.

**Раҳима ЮСУВАЛИЕВА,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ ва интизоми давлативу ҳуқуқии Донишгоҳи иқтисодиёти ҷаҳон ва дипломатия, профессор.**

# ВАЗИФА ВА ВАКОЛАТҲОИ КОМИССИЯҲОИ ҲАВЗАВӢ ОИД БА БАРГУЗОР КАРДАНИ РАЪЙПУРСӢ АЗ ЧИҲО ИБОРАТАНД?

Мамлакат ба раъйпурсӣ оид ба лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон», ки 30 апрели соли равон баргузор мешавад, ҳамаҷониба тайёрӣ мебинад. Бобати муташаккилона ва мувофиқи қонунгузории миллӣ гузаронидани раъйпурсӣ ба комиссияҳои баргузории ин чорабинии сиёсӣ мақоми муҳим дода шудааст.

Мувофиқи қарори ҷамъомади Комиссияи марказии интихоботӣ, ки 16 марти соли равон баргузор шуд, дар ҳудудҳои Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд 14 комиссияи ҳавзавии гузаронидани раъйпурсӣ ташкил ва ҳайати онҳо, ки ба он 266 намояндагони соҳаҳои мухталиф дохил шуданд, тасдиқ гардид.

Вазифа ва ваколатҳои комиссияҳои ҳавзавӣ аз чиҳо иборатанд?

Дар ин бора ба хабарнигори ЎзА **узви Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон Баҳодир Юнусов нақл кард:**

– Барои муташаккилона ва ба дараҷаи сазовор гузаронидани раъйпурсӣ нақши комиссияҳои ҳавзавӣ муҳим мебошад, бинобар ҳамин ҳам маҳз онҳо барои ин ҷараён масъул දониста мешаванд, – гуфт узви Комиссияи марказии интихоботӣ. – Ваколати комиссияҳои ҳавзавӣ бинобар баргузор кардани раъйпурсӣ дар моддаи 20-уми Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон» сабт шудааст. Мувофиқи моддаи зикршуда комиссияи ҳавзавӣ бинобар баргузор кардани раъйпурсӣ қитъаҳои раъйпурсиро ташкил менамояд, рақамҳои онҳоро оид ба ҳавза муқаррар мекунад, рўйхати раъйпурсии онҳоро бо зикри нишонӣ чоп менамояд, кори комиссияҳои қитъавиро ҳамоҳанг месозад. Ҳамчунин маблағро дар байни комиссияҳои қитъавии баргузоркунандаи раъйпурсӣ тақсим мекунад, бо бино, нақлиёт, воситаҳои алоқа таъмин намудани комиссияҳои қитъавиро назорат менамояд, ҳамчунин масъалаҳои дигари таъминоти моддиву техникии раъйпурсиро дар ҳавза баррасӣ мекунад. Ба расонаҳои ахбори оммавӣ бобати ба роҳ мондани равшансозии корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ дар ҷараёни тайёрӣ ба раъйпурсӣ кўмак мерасонад. Баробари ин маълумоти намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатиро дар маҳалҳо, роҳбарони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро оид ба масъалаҳое, ки ба тайёрӣ ва гузаронидани раъйпурсӣ алоқаманданд, мешунавад. Ташкили рўйхати шаҳрвандони овоздиҳанда ва ба умум пешниҳод кардани онҳоро назорат мекунад, комиссияҳои қитъавии оид ба гузарондани раъйпурсиро бо бюллетенҳои овоздиҳӣ таъмин менамояд, натиҷаҳои овоздиҳиро дар ҳавза муқаррар мекунад ва ба Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон мерасонад. Ҳамчунин комиссияҳои мазкур муроҷиати шаҳрвандони овоздиҳанда ва иштирокдорони дигари раъйпурсиро баррасӣ мекунанд.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**




*Дар ноҳияи Сўх, ки 200 километр дуртар аз маркази вилояти Фарғона воқеъ аст, 1 бемористони марказӣ, 7 бунгоҳи тиббӣ, 2 поликлиникаи оилавӣ мавҷуд аст. Дар онҳо беш аз ҳазор нафар ходими тиббӣ фаъолият доранд.*

*Бино ба гуфти роҳбари иттиҳодияи тиббии ноҳия Усмон Мамадалиев тўли солҳои охир соҳа хеле рушд кардааст. Бунгоҳи тиббии «Ленбур», ки соли сипаригардида ба ивази беш аз 800 миллион сўм бунёд гардидааст, мушкили мардумро хеле осон кард. Беморхонаи бемориҳои дарунии дорои 75 ҷой, ки бо маблағи 4 миллиарду 539 миллион сўм сохта ба истифода дода шуд, ба аҳолӣ хидмати хуби тиббӣ мерасонад. Дар ин ҷо фаъолияти шуъбаҳои кардиология, неврология, эндокринология роҳандозӣ гардидааст. Чанде қабл ба иттиҳодияи тиббии ноҳия мошини замонавии ёрии таъҷилии «Hyundai» туҳфа карда шуд, ки аз ин илтифот ходимони тиб ва аҳолӣ хеле мамнун шуданд.*

***Дар акс:** дар яке аз муассисаҳои тиббии ноҳия.*

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ҶАВОНОН БОЯД МУНОСИБИ ЭЪТИБОР БОШАНД

***Ҳокими вилояти Сирдарё Акмалҷон Маҳмудалиев дар «Боғи ҷавонон»-и шаҳри Гулистон бо ҷавонон ва донишҷўён вохўрд.***

Дар вохўрӣ ҳокими вилоят таъкид намуд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ барои тарбия, донишомўзӣ ва ояндаи ҷавонон, дар ҷамият ҷойи муносиби худро пайдо кардани онҳо ҳамаи шароит фароҳам оварда шудааст, ҷавонон бояд муносиби чунин эътибор бошанд. Ғайр аз ин, ҳокими вилоят доир ба яке аз масъалаҳои муҳим – бедор намудани ҳисси дахлдории онҳо ба ислоҳоти амалишаванда ва ояндаи кишвар низ гуфта гузашт.

Дар чорабинӣ ҷавонон фикр, пешниҳод ва андешаҳояшонро дар хусуси баланд бардоштани фаъолнокии соҳаи иҷтимоиву сиёсӣ ва салоҳияти зеҳнии ҳамсолонашон ва ғояю ташаббусҳо, ки ба рушди ҷамъият нигаронида шудаанд, гуфта гузаштанд.

— Роҳбари вилоят пешниҳоди манро доир ба дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук кушодани хештек таҳти шиори «Ман Гулистонро дўст медорам» ва пурра кардани маълумот доир ба вилояти Сирдарё дастгирӣ кард, — мегўяд донишҷўйи Донишгоҳи давлатии Гулистон Ҷавоҳир Деҳқонов. – Ин бешубҳа, нафақат ба ҳамдиёронамон, ҳамчунин ба шахсоне, ки дар миқёси ҷаҳон аз шабакаи интернет истифода мебаранд, имконияти дастрас кардани маълумотҳо доир ба вилояти Сирдарёро медиҳад.

Дар чорабинӣ пешниҳоди ҷавонон оид ба тарзи доимӣ ба роҳ мондани тадбири «Ҳоким ва ҷавонон» маъқул дониста шуд. Ҳокими вилоят шанбеи дуюми ҳар моҳ доимӣ баргузор кардани мулоқот бо ҷавононро таъкид намуд.

Ҳоким ба ҷавонони фаъолу ташаббускор миннатдорӣ изҳор кард. Ба як гурўҳи онҳо ташаккурнома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ супурд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

# ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ – ХАТАРИ РУШДИ ҶОМЕА

***Бо шуъбаи минтақавии Ассотсиатсияи миллии созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратии (СҒҒ) Ўзбекистон, раёсати хидмати амнияти давлатии вилоят дар ҳамкорӣ бо ҳокимият ва шуъбаи адлияи вилоят бо иштироки мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ, намояндагони СҒҒ ва ВАО дар мавзўи «Тарғиб кардани мафкураи таҳаммулпазирӣ ва арзишҳои анъанавӣ дар пешгирии ғояҳои ифротгароӣ ва терроризм, нақши СҒҒ дар густариши огоҳӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ» суҳбати «мизи мудаввар» доир гардид.***

Чорабиниро роҳбари бахши вилоятии Ассотсиатсияи миллии СҒҒ Икромҷон Каримов ифтитоҳ намуда, дар бораи имкониятҳои барои созмонҳои ғайридавлатӣ фароҳам овардашуда ва нақши онҳо дар ҷомеа сухан ронд.

Мудири котибияти вилоят оид ба кор бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва динӣ Муродҷон Абдураззоқов андешаҳои худро оид ба мавзўъ иброз намуд. Қайд кард, ки дар ин бобат касе набояд бепарво бошад, хусусан дар байни ҷавонон корҳои тарғиботиро ҷоннок гардонем.

Пас аз ин, маърўзаи сардори раёсати адлияи вилоят Зулфия Аҳмадхўҷаева оиди қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи озодии виҷдон ва ташкилотҳои динӣ» ва тарғиб кардани онҳо дар байни СҒҒ ва таҳкими ҳамкории созмонҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ шунида шуд.

Дар рафти чорабинӣ филми «Ботлоқи ҷоҳилӣ» намоиш дода шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАМАНГОН.*

*Соли эътибор ба инсон ва сифати таълим*

# СУХАН НАВ ОР, КИ НАВРО ҲАЛОВАТЕСТ ДИГАР

***Дар Муроҷиатномаи сарвари давлатамон ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон таъкид гардид, ки «фарзандонамон бояд дар мактаб забони модарӣ ва забони хориҷиро хуб аз худ намуда, бо компутер кор карданро омўзанд». Имрўз дар Ўзбекистон омўхтани забонҳои хориҷӣ низ хуб ба роҳ монда шудааст. Дар атрофи ин мавзўъ мо бо ректори Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии Самарқанд, доктори фанҳои филологӣ, профессор Илҳомҷон Тўхтасинов суҳбат оростем, ки онро манзури хонандагони рўзнома мекунем.***

– Дар кишвари офтобрўяи мо барои илму ҳунаромўзии ҷавонон шароити мусоид фароҳам омадааст. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Президент, солҳои охир шумораи мактабҳои олӣ 2,5 баробар афзуда, ба 198 адад расид. Ба мо – ректорон, устодони мактабҳои олӣ вазифа гузошта шуд, ки сифату самаранокии таълимро баланд бардорем ва усулҳои пешқадамро дар соҳаи маориф ҷорӣ кунем.

Ҳоло дар ин самт пайваста заҳмат мекашем, мақсадамон — тарбия намудани мутахассисони баландихтисос. Таъкид кардан ҷоиз аст, ки мо ба усулҳои таълим диққати махсус медиҳем, беҳтаринашро рўйи кор гирифтаем. Дар доираи ҳамкории байналхалқӣ низ комёбиҳои назаррасро ба даст овардаем. Ҳоло қариб 50 нафар профессорону муаллимони донишкадаи мо дар Британияи Кабир, ИМА, Олмон, Хитой, Туркия, Русия, Куриёи Ҷанубӣ ва ғайра такмили ихтисос намуда, таҷрибаҳои омўхтаи худро ба донишҷўён меомўзонанд. Ба ғайр аз ин, профессорони хориҷиро низ ба кори донишкадаамон ҷалб намудаем, ки онҳо ба насли наврас тибқи андозаи байналхалқӣ сабақ медиҳанд, ҳамчунин анъанаи «устод--шогирд» амал мекунад.

Аз азал мардуми мо нисбат ба китоб эҳтиром дошт. Ва ин бесабаб нест, зеро китоб сарчашмаи маърифат аст. Адиби латиш Андрей Унит навиштааст, ки «Китоб чароғи сеҳрангезест, ки дар роҳи дарозу душвор ва тоқатфарсои ҳаёти инсон нури ҷонбахш эҳдо мекунад». Адиби бузурги авар Расул Ғамзатов таъкид мекунад, ки «Барои худшиносӣ китоб зарур аст. Барои шинохти дигарон ҳам китоб муҳимтар мебошад. Халқи бекитоб ба одами нобино монанд аст, ки ҳусни дунёро намефаҳмад. Ҳамчунин халқи аз китоб маҳрум ба инсоне шабоҳат дорад, ки бо ойина рўйи худро дида наметавонад».

Донишкадаи мо соҳиби китобхонаи бой мебошад, ки дар он ҷо донишҷўён метавонанд асарҳои дўстдоштаи худро ба забонҳои гуногун мутолиа кунанд. Замона имрўз талаб менамояд, ки донишҷў ва ҳар як шахсе, ки аз пайи илму дониш аст, бештар рў ба китоб оварад, доираи ҷаҳонбиниашро вусъат бахшад, – мегўяд И.Тўхтасинов.

**– Илҳомҷон Мадаминович, дар назди донишкадаи шумо нашриёт фаъолият дорад. Дар ин хусус ҳам чанд сухан мегуфтед.**

– Чанде пеш камина асари дўстдоштаам «Рўзгори мозӣ» ва «Каждум аз меҳроб»-и Абдулло Қодириро аз ўзбекӣ ба англисӣ тарҷума кардам. Воқеан, асарҳои Абдулло Қодириро кас бо шавқи баланд мехонад, зеро забони асарҳояш равону дилнишин, тасвирҳояш табиист. Ҳангоми тарҷума кўшиш кардам, ки ин ҷиҳатҳоро нигоҳ дорам ва ба ин муваффақ ҳам шудам. Ҳоло пеши худ мақсад гузоштам, ки якчанд асари ҷадидонро аз забони асл ба забони англисӣ тарҷума намоям. Дар донишкадаи мо на танҳо муаллимон, балки донишҷўён низ бо тарҷумаи бадеӣ машғуланд.

**– Соли 2023 «Соли эътибор ба инсон ва сифати таълим» аст. Дар ин сол иҷрои кадом корҳо ба нақша гирифта шудаанд?**

– Баланд бардоштани сифати таълим роҳи ягона ва дурусти тараққиёти Ўзбекистони Нав аст. Бинобар ин, профессорону устодони донишкадаи мо бо 111 мактаби таҳсилоти ҳамагонии вилоят ҳамкорӣ мекунанд. Онҳо аз рўйи дастури махсус ба ҳар як таълимгоҳ ташриф фармуда, баҳри беҳтар намудани сифати корҳои таълиму тарбия кумаки амалӣ мерасонанд. Барои бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ 60 миллион сўм ҷудо кардем.

**– Ташаккур барои суҳбат.**

Мусоҳибон
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**Шўҳрати ҲУСЕЙН.**
*САМАРҚАНД.*

# ХАБАРҲО

## ҲАВОПАЙМОҲОИ НАВИ ШИРКАТИ «ЎЗБЕКИСТОН ҲАВО ЙЎЛЛАРИ»

***Авиаширкати миллии «Ўзбекистон ҳаво йўллари» тавассути импорти киштиҳои ҳавоӣ, ки аз мамлакатҳои ҳавопаймобарор оварда мешаванд, торафт бой мегардад.***

Танҳо дар моҳҳои аввали соли равон Ўзбекистон аз Олмон, Литва, Швейтсария, Фаронса, Сингапур ва Британияи Кабир ҷамъ 14 самолёт харид намуд, ки арзиши умумиашон 719,6 миллион доллар мебошад. Дар ин хусус хидмати ахбори Агентии омори назди Президент маълум намудааст. Самолётҳоро бештар Олмон ва Литва ба мамлакати мо содир намудаанд. Самолёти охирине, ки аз Швейтсария ворид гашт, 86,5 миллион доллар арзиш дорад.

Айни замон ҷумҳуриамон аз ширкати Embraer (Бразилия) хариди самолётҳои ба масофаи наздик ва миёна парвозкунандаро ба нақша даровардааст.

## ВАЗИФАҲОИ МУҲИМИ ҲЛДЎ

***Ҷамъомади дувоздаҳуми Шўрои сиёсии Ҷунбиши соҳибкорон ва корчаллонҳо – O`zLiDeP баргузор гардид. Масъалаи иштироки ҳизб оиди лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон» дар референдум мавриди баррасӣ қарор гирифт.***

Гуфта шуд дар кор карда баровардани лоиҳаи конститутсионӣ ҷомеаи васеъ, азҳоби сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамоатӣ, экспертҳо ва вакилони доираҳои илмӣ, зиёиҳо фаъолона иштирок намуданд. Агар гўем, ки лоиҳа ба маънои том Конститутсияи халқист, хато намекунем.

Баромадкунандагон боз таъкид сохтанд аъзои ЎзЛиДеП бобати такмил додани ин ҳуҷҷати муҳим ташаббусҳо нишон доданд. Депутатҳоямон дар ҷамъомадҳои Палатаи қо-нунгузорӣ, шўроҳои ҳудудиву ноҳиявӣ фаъолона иштирок ва баромадҳо карданд. Аз мақсадҳои барномавӣ ва вазифаҳои ҳизб баромада омада, аксарияти таклифҳо дар лоиҳаи қонун инъикоси худ дарёфтанд. Хусусан, дар лоиҳаи қонуни конститутсионӣ вазифа ва ўҳдадориҳои давлат дар рушди муносибатҳои бозаргонӣ, таъмини муҳити сармоявию коршиносӣ,офаридани шароити мусоид барои рақобати ҳалол муайян карда шудаанд, гуфта шуд дар Шўрои сиёсии ҳизб.

Бобати пеш бурдани корҳои самараноки тарғиботию ташвиқотии раъйпурсии пешистода ва ба аҳолӣ фаҳмонидани мазмуну моҳияти лоиҳа вазифаҳое,- ки дар назди фаъолони ҳизб истодаанд, мушаххас гардонида шуданд.

## ФАРҒОНИЁН ДАР НАВРЎЗИ ҚИРҒИЗҲО

***Дар чорабинии наврўзӣ, ки дар шаҳри Боткони Қирғизистон баргузор шуд, намояндагон аз ҳокимиятҳои навоҳии Сўх ва Риштони вилояти Фарғона иштирок намуданд. Ташкили сайрҳои халқӣ ба ҳозирон, ки вакилони халқҳои гуногун буданд, таассуроти хуб бахшид.***

Ҳокими Сўх ва роҳбарони секторҳо оиди комёбии меҳнаткашони ноҳия, ислоҳоти кулле, ки ба боз ҳам ободу зебошавии ин диёр ва болоравии дараҷаи рўзгори мардум мусоидат месозад, сухан ба миён оварданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Дар ҳошияи китоб*

# АШКИ ШОДӢ АЗ МУТОЛИАИ КИТОБ

*Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,*
*Дар ғамкадаи замон ғамхоре нест.*
*Ҳар лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ,*
*Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест.*

«Армуғон» ном маҷмӯаи мақола, очерк, хотира ва тарҷумаҳои Саодат Рӯзиеваро мехондаму аз чашмонам донаҳои ашки шодӣ чун қатраҳои борони баҳорӣ метаровид. Ҳар як сатри маҷмӯаро бо шавқ ва бодиққат мехонам. Беш аз сӣ сол аз деҳа, аз зодгоҳ дур будам. Албатта, соле се-чор маротиб ба дидорбинии волидону қарибон рафта меомадам. Бо вуҷуди ин ҳама, аз ҳаёти мардуми зодгоҳ, ҳамдеҳагон дар маҷмӯъ дур будам. Аҳён-аҳён ба дидорбинии ҳамсинфону устодон мушарраф мегаштам.

Китобро мехонаму зиндагии мардуми деҳа пеши назарам ҷилвагар мегардад. Онро Саодат моҳирона тасвир намудааст. Худро дар зодгоҳ ҳис мекунам. Гуё бо ҳамдеҳагон ҳамнишинаму бо онҳо ҳамнафас ва аз муҳити зодгоҳ, обу ҳавои он баҳра мегирам. Дар «Хонаи гарми меҳр» зиндагии мардуми деҳа табиӣ ва хотирмон тасвир гардидааст: «Сардии фасли зимистон, барфу борони зиёди он дар деҳаҳои кӯҳӣ бештар эҳсос мегардад. Долу дарахт, боми хона, роҳраву кӯчаҳо қабои барф дарбар мекунанд. Мардум барои зимистонгузаронии худу чорво озуқа ҷамъ меоварад.

Дар ёдам ҳаст, момоям ҳамеша ошхона ва анборхонаро аз назар мегузаронд.

– Писарам, таги халтаи ордат намоён шудааст, биринҷу равғанат ҳам кам мондааст, тезтар ғаматро хӯр, – ҳушдор медод падарамро. Ба оғил даромада аз ҳоли молҳо хабар мегирифт ва ба модарам мегуфт:

– Келин, гови сиёҳ чашм равшан мекардагӣ барин, аз шабу саҳараш бохабар шавед, боз гӯсолача дар хунукӣ намонад...

Вақте гов мезоид, модарам гӯсолачаро ба латтакӯҳна печонда, дар назди бухорӣ мегузошт, то хушку гарм шавад...»

Зиндагӣ дар деҳа осон нест. Машаққат дорад, вале бештар хушиву шодии бетакрор дорад. Табиати дилкашу дилфиреб дорад деҳоти Эҷ. Ҳавои тозаву оби мусаффои чашмаҳо, кӯҳистони пурбарфи зимистону баҳори сарсабзу гулҳои рангоранги дарахтони боровардаю талу теппаҳои аз гули деғаку лола фаровон ҳамеша дар назар ҷилвагар аст. Бӯйи муаттар дорад он табиат. Баҳри дилро кушода, чеҳраҳоро мунаввар созад, завқ бахшад. Китобро мехонаму ин ҳама чун лентаи кино пеши назар пайдо мешавад.

Китобро мехонаму айёми бачагиам ёдам меояд. Гӯё дар зодгоҳам қарор доштам. Ман ҳам ҳамроҳи дугонаҳоям дар даст табақу коса аз лаби ҷӯю сой ҳулбӯй ва дигар гиёҳҳои шифобахши баҳориро мечидем. Аз онҳо барак, пичак ва санбӯса мепухтем. Аз гули қоқуву тоқибофак гултоқӣ бофта, ба сар мегузоштем. Бо рақсу суруд дар гирди деги суманак шабро рӯз мекардем. Апаи Саодат ин ҳамаро дар мақолаю очеркҳояш зиндаву табиӣ ба тасвир додааст.

Китобро мехонаму шабҳои дарози зимистон ёдам мерасанд. Мо ҳам дар атрофи чароғи керосинӣ бо дӯхтани зеҳ, сӯзанӣ, урчуқресӣ машғул мешудем. Байтбарак мекардем, аз момою модарон афсонаю ҳикояҳои ибратбахш мешунидем. Китобҳои хондаамонро ба ҳамдигар нақл мекардем. Он солҳо хурду калони деҳа китоб, маҷаллаю рӯзномахон буданд.

Зимни мутолиаи китоб бо чандин ҳамдеҳагон гӯё дар суҳбат будам, симои онҳо ҳамеша пеши назарам буд. Ба вижа ёдоварии апаи Саодат аз устодони сахтгиру вале хеле ҳалим Ӯзбекбой Рӯзиев, Эсанбой Муродов, Йӯлдош Самадов, Даврон Мансуров, Низом Тилабов, Боймурод Йӯлдошев, Ҳазрат Бакриев, Тӯра Раҳмонов, Субҳон Рӯзиев (рӯҳашон шод бод!), Бурҳон Ҳайдаров, Тоҳир Амонов, Абдуназар Набиев, Салим Ғафуров ва дигарон бамаврид аст. Ин тоифа омӯзгорон дар таълиму тарбияи насли наврас саҳми беандоза доранд. Онҳо натанҳо ба таълиму тарбияи хонандагон, балки байни мардуми деҳа низ дар гузаронидани тӯю сур ва дигар маросимҳо бештар саҳм доштанд.

Дар маҷмӯа масоиле аз қабили меҳру оқибат, одаму одамгарӣ, мақому мавқеи модар дар тарбияи фарзанд ва ҳоказо баррасӣ ёфтаанд. Солҳои пешин, яъне айёми ҷавонии мо меҳру оқибат, ҳурмату эҳтироми ҳамдигар арзиш дошт. Мардум ҳамдигарро эҳтиром мекарданд. Дар ободонии маҳалла ҳамеша дӯш ба дӯш буданд. Ба ҳамдигар холисона кумак мекарданд. Афсус, ин гуна одатҳои нек имрӯз тақрибан ба фаромӯшӣ рафтаанд. Молу мулкпарастӣ, пулу сарват чашми одамонро кӯр намудааст.

Апаи Саодатро хуб мешиносам, ҳарчанд чандин сол надидаам. Чун нахуст китобаш «Армуғон»-ро хондам, гӯё бо ҳам рози дил гуфтем. Аз ҳамдиёрон ёд кардем. Дар кӯчаву талу теппаҳои зодгоҳ сайр намудем. Аз ҳавои муаттар ва оби мусаффою зулоли зодгоҳ нӯшиҷон намудем. Худро дар зодгоҳ ҳис намудем...

Ман як китобхони оддиам. Китоби дастрас намудаамро мехонам.»Армуғон» китоби хонданӣ, ба хусус барои аз зодгоҳ дурафтагон.

Апаи Саодат! Худо мададгоратон бошаду илҳоматон боло гирад. Дар роҳи пурмашаққати эҷод монда набошед.

**Ҳадича ТУРСУНОВА,**
**шаҳраки Дӯстлики вилояти Ҷиззах.**

***Ҳамон рӯз фурудгоҳи байналмилалии Тошканд хеле идона оро ёфта буд. Ҳозирини маросим фурудоии аввалин ҳавопаймои ширкати минтақавии ҳавонавардии Silk Avia-ро бесаброна интизорӣ мекашиданд.***




# «UZBEKISTAN AIRPORTS» СОҲИБИ ҲАВОПАЙМОҲОИ НАВ МЕГАРДАД

Вақте ки чархҳои ҳавопаймои нави орӣ аз рамзҳои давлатии Ӯзбекистон оҳиста ба замин бархӯрд, он як-ду албонҷ хӯрдаву баъд ба самте ҳаракаташро дар майдони ҳавоӣ давом дод, ки он ҷо кормандони «Uzbekistan Airports» ва ширкати ҳавонавардии «Silk Avia» ҳамроҳи як гурӯҳ журналистон онро мунтазир буданд.

Мувофиқи анъана ҳавопаймо ва экипажи он бо нону намак ва гулдастаҳои тару тоза зери садоҳои карнаю сурнай ва доира истиқбол гирифта шуданд. Ин аввалин аз се ҳавопаймои харидашудаи ATR 72-600 буд, ки ба майдони ҳавоии Тошканд фуруд омада ва то фурудоӣ роҳи дуру дарозеро тай кардааст. Гуфта мешавад, бо назардошти баландии максималӣ (7600 м) ва масофаи (1500 км) парвоз аз Бангкок ба Тошканд сурат гирифтааст, вале ҳавопаймо бо шаш таваққуф дар майдонҳои ҳавоии Сингапур, Ҳиндустон, Уммон, Миср, Кипр ва Озарбойҷон ин масофаро тай намудааст. Дар ояндаи наздик ду ҳавопаймои дигар вориди Тошканд хоҳанд шуд, ки онҳо низ аллакай аз муоинаи техникӣ ва рангубор гузашта, парвозҳои озмоишӣ анҷом додаанд.

– Дар ин рӯзҳои иди баҳор ва Наврӯз мо боз соҳиби се ҳавопаймо шудем. Бо назардошти талаботи хеле зиёд ба ATR, пайдо кардани ҳавопаймоҳои мувофиқе ниҳоят мушкил буд, ки нишондиҳандаҳои хуби техникиро соҳиб мебошанд ва на калонтар аз соли 2019 ва соатҳои парвози зиёд ҳастанд. Мо се ҳавопайморо аз Bangkok Airways харидем, ки ҳар кадоми он се сол дошта ва дар кайфияти аъло мебошанд, – гуфт дар ин маросим раиси ширкати «Uzbekistan Airports» Раъно Ҷӯраева.

Вай афзуд, ки таъсиси ширкати ҳавопаймоӣ як раванди хеле мураккаб ва масъулиятнок аст, ки дар он ба тафтиши эътимоднокӣ ва бехатарии ҳавопаймоҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад.

– Дар давоми ду-се рӯз мо ҳавопайморо бо имзои Silk Avia либоси нав «мепӯшонем» ва пас аз гирифтани шаҳодатномаи оператори ҳавопаймо аз «UzAvia» ҳавопаймо рақами дуюмро ба худ гирифта, парвозҳои аввалини худро оғоз мекунад, – изҳор дошт раиси «Uzbekistan Airports».

Ногуфта намонад, ки ATR 72-600 яке аз маъмултарин ҳавопаймоҳои кӯтоҳмуддати ҷаҳон бо зарфияти 70 мусофир мебошад. Он ҳавопаймои арзони бехатар ва сарфакор арзёбӣ гардид, ки нисбат ба A 320 чор маротиба камтар сӯзишворӣ сарф мекунад. Гузашта аз ин, барои мусофирон эътимодбахш низ ҳаст ва онҳо бо нархи дастрасу арзон тавассути ин ҳавопаймо ба самтҳои гуногуни ҷумҳурӣ сафарҳои худро анҷом хоҳанд дод.

Дарвоқеъ, таъсиси нахустин ширкати ҳавопаймоии минтақавии арзон бо фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба рушди алоқаи ҳавоии маҳаллӣ дар ҷумҳурӣ» аз 26 октябри соли 2022 ба вуҷуъ мепайвандад.

– Дар марҳилаи аввал ширкати ҳавопаймоӣ бо хатсайрҳои Тошканд – Самарқанд, Тошканд – Бухоро ва Тошканд – Урганч, инчунин ба шаҳрҳои водии Фарғона парвозҳои худро анҷом медиҳад. Нархи чиптаи он аз 180 ҳазор сӯм сар мешавад. Баъдан теъдоди хатсайрҳо афзоиш дода мешаванд, – гуфт Раъно Ҷӯраева.

Вай ёдовар шуд, ки моҳи ноябри соли гузашта ширкати Silk Avia ва консерни фаронсавӣ-итолиёии ATR дар бораи харидани панҷ ҳавопаймои нави ATR 72-600 созишнома ба имзо расониданд, ки соли 2024 ин ҳавопаймоҳо ба Тошканд меоянд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Туҳфаи Рамазон*

# АЛЛОМАЕ, КИ БУХОРОРО «ҚУББАТ-УЛ-ИСЛОМ» КАРДААСТ

## Фиқҳшиноси номвари олами ислом

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Яке аз устодони Абуҳафси Кабир Абулҳасани Нурӣ барои ҷамъоварии ҳадисҳои саҳеҳ заҳмат кашидааст. Вале умри ӯ барои анҷоми ин кор нарасидааст. Пас аз ин, бо васияти муаллим Абуҳафси Кабир низ ба ин кор шуруъ кард. Аммо дар он замон, дар Бухоро ҳаракатҳои динӣ ҷараён дошт, бинобар ин ба илми фиқҳ эхтиёҷоти зиёд мавҷуд буд. Аз ин сабаб худи олим бо илми фиқҳ машғул шуда, шогирди боистеъдодаш Муҳаммад ибни Исмоилро ба гирдоварии ҳадисҳои саҳеҳ ташвиқ кардааст. Ҳамин тавр, ба дараҷаи султони илми ҳадис расидани Имом Бухорӣ устодаш Абуҳафси Кабир низ саҳми арзанда гузоштааст.

Бо шарофати Абуҳафси Кабир, боиси рушду густариши таълимоти исломӣ, шаҳри Бухоро дере нагузашта ба маркази фиқҳ табдил ёфт. Аз мадрасаи Абуҳафси Кабир бисёр фақеҳ, қозӣ, авлиё ва имомони зоҳиди баркамол ба воя расидааст. Аз ин рӯ, аз асри IX Бухоро бо номи «Қуббат-ул-ислом» машҳур гардид.

Асрҳои IX-XII – давраи Эҳёи Шарқ ва дар Осиёи Миёна – давраи тиллоии рушди илм, бахусус фиқҳ ба ҳисоб меравад. Дар асри IX Абуҳафси Кабир, фақеҳи бухороӣ, ки аз Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ, шогирди баркамоли Абуҳанифа дар самти Ироқ дарси фиқҳ омӯхтааст, ба ватан баргашта, Бухороро ба маркази фиқҳ табдил дод ва шогирдони зиёдеро тарбия карда, ба камол расонд.

Илми фиқҳ дар ҳамон аср ба марҳилаи рушди худ ворид шуда буд. Бидуни пурра азхуд нанамудани ин дониш, оиди масъалаҳои динӣ ҳукм баровардан ғайриимкон буд. Дар ин давра илми калом (фалсафаи исломӣ – теология) хеле инкишоф ёфта буд. Дар Мовароуннаҳр мактаби хеле калони калом ба вуҷуд омад ва асосгузори он Абуҳафси Кабири Бухорӣ маҳсуб мешуд. Дар бораи ин шахси бузург дар китобҳои таърихӣ ва осори мухталифи мазҳабӣ ва ирфонӣ маълумоти зиёде мавҷуд аст. Тибқи ривояти машҳур дар бораи тавоноии илмии Абуҳафси Кабири Бухорӣ, сарвазири халифат ба шаҳри Бухоро ташриф овард. Вақте ки вазир омад, рӯз торик шуда буд. Дарвозаҳои шаҳри Бухоро баста буданд ва ҳатто то субҳ даромадани зоғе ба шаҳр манъ буд. Вазир аз дарбон талаб мекунад, ки дарвозаро кушояд. Вақте ки дарбон рад мекунад, мегӯяд, ки ӯ сарвазири хилофат аст. Сипас, дарбон ба меҳмони кишваре, ки рукни ислом дониста мешавад, мегӯяд: «Ман ба ту як савол медиҳам, воқеан вазири хилофат бошӣ, агар ба ин савол ҷавоб диҳӣ, ман дарро мекушоям» ва чунин савол медиҳад: «Камоли имон дар чист?» Вазир ҷавоб дода наметавонад. Саҳар маълум мешавад, ки вазир омадааст ва аркони давлат бо шукӯҳу шаҳомат ба назди дарвоза меояд. Баъд вазир дарбонро ҷеғ зада, хоҳиш мекунад, ки ба саволаш ҷавоб диҳад. Дарвозабон мегӯяд: «Камоли имон сабр аст» ва вазир мепурсад, ки инро аз кӣ омӯхтааст? – Аз Шайхамон Абуҳафси Кабир, – бо ифтихор ҷавоб медиҳад дарвозабон. Инро шунида вазир ҳамроҳи подшоҳ ба зиёрати Абуҳафси Кабир меравад.

Ба далели тақвои Абуҳафси Кабир на ҳама ҷуръати суҳбати ӯро доштанд ва ҳатто подшоҳон ҳангоми рафтан ба наздашон саросема мешуданд. Мегӯянд, ки дар Бухоро амире Муҳаммад Толут ном дошт. Рӯзе ба вазираш Ҳошуя гуфт: «Ба зиёрати Хоҷа Имом Абуҳафс равем ва ҳамсуҳбати эшон шавем». Ҳошуя ба амир гуфт: «Дар ҳузури Абуҳафс касе аз таъсири салобати эшон ҳарф зада наметавонад». Амир ба ин бовар накарда, ба назди Абуҳафс рафт ва ба ҳазрат салом дод, вале дигар чизе гуфта натавонист. Хоҷа Абуҳафс пурсид: «Мушкилоти шумо чист?» Амир ҳарчанд талош кард, ҳарфе гуфта натавонист ва пас аз баромадан ба Ҳошуя гуфт: «Ман дар ҳузури халифа суҳбат карда тавонистам, аммо аз салобати Абуҳафси Кабир чизе гуфта натавонистам».

Дар китоби «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ омадааст, ки зоҳид, донишманд Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Салом Пойкандӣ (устоди Имом Бухорӣ) мегӯяд: «Паёмбарамон Муҳаммад (с.а.в.)-ро дар хоб дидам. Ҳазрат дар бозори Харқони Бухоро буданд. Савораи ҳамон уштури дар паём зикршуда ва дар сар кулоҳи сафед доштанд. Бисёр одамон Паёмбарамонро (с.а.в.) дида, истиқбол намуда, мегуфтанд: «Ин зоти шарифро ба куҷо мебарем?» Сипас, Паёмбар (с.а.в.)-ро ба хонаи марҳум Абуҳафси Кабир бурданд. Хоҷа Абуҳафсро дидам, ки дар паҳлуи Паёмбар (с.а.в.) нишаста китоб мехонданд. Паёмбар (с.а.в.) се рӯз дар хонаи эшон монданд. Абуҳафс китоберо мехонд, Паёмбар (с.а.в.) дар байни ин се рӯз ба ӯ эътирозе накарданд ва ҳар як чизи хондаашонро дуруст медонистанд».

Дар ин ҷо чанд сухан дар бораи муҳаддис Муҳаммад ибни Саломи Пойкандӣ, ки ин ривоятро овардааст. Ин зот дар Пайкенти билоди Бухоро ба дунё омада, соли 839 ҳиҷрӣ дар он ҷо вафот кардааст. Дар бисёре аз сарчашмаҳо омадааст, ки ӯ ба Имом Бухорӣ дарси ҳадис додааст.

Дар васфи Абуҳафси Кабир таронаҳои зиёди донишмандон мавҷуданд. Чунончи, нависанда Абдулло ибни Муҳаммад ибни Умар чунин нақл мекунад: Аз шоир Лайс ибни Наср шунидам, ки гуфт: «Ҳадиси Расули Худо (с.а.в.)-ро тиловат мекардем, ки «Ҳар сад сол як донишманде пайдо мешавад, ки илми замонро ислоҳ кунад». Абуҳафс Аҳмад ибни Ҳафси Кабир донишманди замон дар бахши фиқҳ, парҳез ва илм аст. Муҳаммад ибни Исмоил-ал-Бухорӣ олими замон дар маърифат ва илми ҳадис аст. Шайх Аҳмад ибни Исҳоқ-ас-Сурмарӣ, донишманди замон, ки ба танҳоӣ дастаи душманро нобуд карда, бар минбари подшоҳ тиловат кардааст. Ҳамаи олимон ба ин хулоса розӣ шуданд».

Қиссаи зерине, ки аз Шайх Муҳаммад ибни Абураҷо-ал-Бухорӣ ривоят кардааст, низ бисёр ибратбахш аст: «Аз Абуҳафси Кабир шунидам, ки гуфт: Паёмбар (с.а.в.)-ро дар хоб дидам. Куртае дар тан. Дар паҳлуи Ҳазрат зане гиря мекунад. Расулуллоҳ (с.а.в.) ба ӯ – «Гиря накун! Агар бимирам, гиря кун»,– гуфтанд. Касе ин хобро ба ман шарҳ дода натавонист. Вақте аз устодам Исмоил ибни Иброҳим (падари Имом Бухорӣ) пурсидам, фармуд: «Суннат пас аз ин собит мешавад».

Абуҳафси Кабир муҳаддиси мӯътамад аст. Аллома низ аз Расули акрам (с.а.в.) чанд ҳадис ривоят кардааст. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки Абуҳафси Кабир ҳадиси зеринро ривоят кардааст: Расулуллоҳ (с.а.в.) фармудаанд: «Банда мӯъмин намешавад, то ба чаҳор чиз имон наоварад: ба ягонагии Худо ва ба набудани шарике, Муҳаммад (с.а.в.) ба унвони паёмбари ҳақиқӣ фиристода шудааст, зинда гардидан пас аз марг ва ба некиву бадии тақдир».

**(Давом дорад).**

**Абдулғафур Раззоқи БУХОРӢ,**
**мударриси мадрасаи Мири Араби Бухоро.**

**Комилҷон РАҲИМОВ,**
**ходими калони илмии Институти шарқшиносии ба номи Абӯрайҳони Берунӣ, доктори улуми таърих.**

*Мактаби таълими ҳамагонии рақами 71-уме, ки дар маҳаллаи Янги Батоши ноҳияи Қаршӣ ба кор шурӯъ кардааст, дорои 660 ҷой мебошад.*

*Синфхона, толори фаъолон, китобхона, ошхона, лабораторияи STEM, хонаи компутер ва хонаҳои касбинтихобкунии таълимгоҳ бо таҷҳизоти замонавӣ ҷиҳозонида шудаанд. Майдонҳои варзишӣ дар чор мавсими сол дар ихтиёри хонандагонанд.*

*Дар мактаб ба сифати таълим, омӯхтани ду-се забони хориҷӣ ва ҳунаромӯзии толибилмон эътибор дода мешавад.*

*Хонандагон дар хонаҳои муҷаҳҳаз касбҳоеро ба мисли дӯзандагӣ, заргарӣ, пазандагӣ, сартарошӣ, хидматрасонӣ ба компутеру телефони мобилӣ ва робототехника меомӯзанд.*

***Дар акс:** дар мактаби таълими ҳамагонии мазкур.*

***Аксбардор: А. АБДУЛЛОЕВ (ӮзА).***



# РОҲҲОИ ҲАМВОР – ЗЕБИ КИШВАР

***Иҷрои қарори Сарвари давлат аз 25 октябри соли 2022 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба боз ҳам беҳтар намудани инфрасохтори маҳаллаҳо дар солҳои 2022–2023» дар ноҳияи Поп низ босуръат идома дорад.***

Дар доираи корҳои созандагӣ дар минтақаҳо, пеш аз ҳама, мақсад гузошта шудааст, ки талаботи аҳолӣ ба оби ошомиданӣ қонеъ гардонда шавад. Гуфтан мумкин аст, ки ба масъалаҳои ободонии роҳҳо, беҳтар намудани таъминоти электр, ободу зебо гардондани маҳаллаҳо диққати махсус дода мешавад.

– Ба ташкилёбии маҳалламон 45 сол пур мешавад, – мегӯяд собиқадори меҳнат Олимҷон Маҳкамов. — Вале мо то ин рӯзҳо дар кӯчаҳоямон, хусусан рӯзҳои барфу борон бемалол гашта наметавонистем. Зимистон ба лой ғӯта занем, тобистон оғӯштаи чангу ғубор мешудем.

То кунун дар масофаи 2,5 км. корҳои мумфарш ба ҷо оварда шуданд. Аз дидани маҳаллаю кӯчаҳое, ки рӯз то рӯз ободу зебо мешаванд, дилатон шод мегардад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

***Донишгоҳи Эгейи Измири Туркия яке аз бонуфузтарин масканҳои таълими минтақа аст, ки интизор меравад дар Донишкадаи муҳандисӣ ва иқтисоди Қаршӣ бахши бофандагии саноатро ба роҳ монад.***

# МУТАХАССИСОН ДАР ҚАРШӢ ОМОДА ХОҲАНД ГАШТ

Як гурӯҳ мутахассисони варзидаи Донишгоҳи Эгей бо роҳбарии проректорҳои он хонум Бону Юҷел ва Меҳмет Арслон бо ҳамтоёни худ дидору мулоқот намуданд. Онҳо ба тавофуқ расиданд, ки факултети бофандагии саноатро дар Донишкадаи муҳандисӣ ва иқтисоди Қаршӣ ифтитоҳ намоянд.

Ин дар ҳолест, ки солҳои охир дар шаҳру навоҳии вилоят фабрикаҳои бофандагиву дӯзандагии зиёде сохта шуда, соҳаи мазкур ба мутахассисони маҳаллӣ бештар ниёзманд гаштааст. Гуфта мешавад, ки хатмкунандагони бахши бофандагии Донишкадаи муҳандисӣ ва иқтисоди Қаршӣ дар оянда талаботи рӯзафзуни бозори шуғлро дар минтақа қонеъ хоҳад кард.

Ҳангоми дидору мулоқотҳо ба намояндагони вилоят лабораторияҳои бофандагии Донишгоҳи Эгей ва таҷҳизоти таълиму тадриси он намоиш дода шуд.

Таъкид гардид, солҳои баъдӣ дар факултети хоҷагии кишоварзии донишкада бахши муштараке ташкил карда хоҳад шуд, ки ба кори илмии олимон дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат карда, табодули хониши донишҷӯёнро ба шаҳрҳои Измир ва Қаршӣ низ фаро хоҳад гирифт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Гӯшаи методӣ*

# ХОНДАНИ ОСОРИ МАНСУР

***Хондани осори мансур ва манзум гӯё як ҷараёни содаву одӣ ба назар менамоянд. Аз ҳамин сабаб ба тарзи хондан ва қироати осори илмиву бадеӣ ё расмиву публисистӣ баъзан кам эътибор дода мешавад. Бинобар ин, зарур аст, ки ин раванд ҳанӯз аз давраи ҳарфомӯзии кӯдакон ба эътибор гирифта шавад, зеро ташаккули нутқи минбаъда ба он вобаста аст.***

Риоя кардан ба тарзу талаботи хониши осори мансуру манзум аз ҳар ҷиҳат фоиданоктар буда, боиси ба вуҷуд омадани нутқи салису равон мегардад.

Дар ин замина тасмим гирифтем, ки доир ба хониши осори мансур ва манзум чанд суханро дар такя ба маъхазҳои илмӣ баён намоем. Аз ин рӯ, бамаврид аст, ки ҳар кадоми онро ба тарзи алоҳида мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Наср як ҷинси алоҳидаи адабиёти бадеӣ аст. Насрнависро носир ҳам мегӯянд. Ин шакли адабиёт бо сохти худ аз дигар намудҳои асарҳои бадеӣ фарқ мекунад. Хондани ҳама гуна осори мансур барои ташаккул ва инкишофи нутқ, инчунин ба маданияти гуфтор ва тарзи ифодаи донишомӯзони мактабӣ мусоидат мекунад. Наср аз сабаби он ки ба нутқи гуфтугӯӣ наздик аст, боиси зуд ғанӣ гардидани таркиби луғавию фразеологии хонандагон мегардад.

Дар адабиёти имрӯзаи мо ба таври бояду шояд ҳанӯз хусусиятҳои хониши осори назмию насрӣ аз ҷониби ягон олим комилан омӯхта нашудааааст. Танҳо доир ба он дар дастури омӯзишгоҳҳои олӣ якчанд соат ҷудо карда шудааст, ки мутахассисони соҳа дар асоси баъзе маводҳои дастрасӣ ё мақолоти дар ин соҳа навишташуда ба тарзи назарӣ маълумот дода мегузаранд. Дар адабиёти илмӣ-методии мо хусусиятҳои хониши насри бадеӣ ба андозае аз тарафи адабиётшинос Н. Маъсумӣ нисбатан мукаммал баён шудаанд. Вай дар ҷараёни хониш ба маъноиву мазмун ва мантиқи сухан мутобиқ будани оҳанги ифода, дуруст гузошта шудани задаҳои ҳиҷоиву мантиқӣ, риоя шудани паузаҳои грамматикиву мантиқӣ ва риояи меъёри талаффузи овозу ҳиҷо ва калимаву таркибҳоро муҳимтарин омили хушхонӣ донистааст.

Санъати хонишгарӣ аз гаштаву баргашта хондани матнҳо ё аз ёд кардани онҳо ҳосил гардад. Зеро хондан ва аз ёд кардан ё ин ки дар хотир нигоҳ доштани матни насри бадеӣ кори басо мушкил аст. Аз ин рӯ, ба гӯянда лозим меояд, ки мазмуну мундариҷа ва сохту таркиби матнро пешакӣ пухтаву пурра омӯзад. Ва пеш аз ҳама вайро зарур мешавад, ки осори гузаштагону имрӯзиёнро дар муқоисаи услубу баён такрор ба такрор ҳазм намояд. Мо дар ин хусус ҳаловату ҳолати қиссагӯву қиссахонҳоро пеши назарамон оварда метавонем. Онҳо «Ҳазору як шаб»-у «Самаки айёр» барин қиссаҳоро ҳамчун саргузашти худ озодона, бе ягон сактаву лакнати забонӣ хеле пурсӯзу пургудоз ва равону соз баён мекунанд. Ҳамин тариқ хонишгари имрӯза ҳанӯз аз синфҳои ибтидоии мактаб бояд тарзи дурусти ифодаро ёд гирад. Дар ин замина аз омӯзгори соҳа масъулият талаб карда мешавад, ки ба донишомӯз тарзи дурусту бехато ва созу оҳангнок хондани матнҳоро пайваста тавсия намояд.

Дар адабиёти илмиву методӣ раванди дар мактабиён ташаккул ва инкишоф додани қобилияту маҳорати хонишгариву гӯяндагӣ ба се марҳила: омодагӣ ба кор бо матн, кор дар болои матн ва хониши матн ҷудо карда шудаанд.

Омодагӣ ба кор бо матн. Ин марҳила бевосита ба худи хонандагон алоқаманд набуда, бо ёрии муаллим сурат мегирад. Яъне вай бояд пеш аз ҳама дар табиати хонанда майлу хоҳиш ва завқи омӯзиши матнро бедор намояд. Дар ҳақиқат агар ин ҷараён амалӣ нагардад, яъне донишомӯзи мактабӣ дар худ иродаю шавқи омӯзишро пайдо накунад, заҳмати омӯзгор бенатиҷа монданаш мумкин. Моҳияти ин марҳила аз он иборат аст, ки дар мактабиён қобилияти муфассалу гуворо гуфтани дидаву шунидаҳояшон инкишоф дода мешавад. Ин тарзи кор бо матн асосан дар синфҳои 5-8 бештар таҷриба карда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.4).**

# ХОНДАНИ ОСОРИ МАНСУР

(Аввалаш дар саҳ.3).

Муаллим ба мактабиён имконият медиҳад, ки пеш аз шиносоӣ бо матни таълимӣ саргузашт ва ё дидаву шунидаҳои худро, ки ба мазмуни матн монанд аст, пуробуранг ва муассир баён кунанд. Ҳамзамон омӯзгор бояд таъкид намояд, ки дар мавриди нақли саргузашт ба тарзи ифодаи худ боэътибор бошанд. Ба онҳо фаҳмонида мешавад, ки пешакӣ мавзӯъ ва моҳияти нақли худ, яъне дар чӣ хусус ва барои чӣ нақл карданашро фикр карда, чунин ҷиҳатҳоро аниқ кунанд: воқеа аз чанд қисм иборат буда, чӣ равишҳоро дар бар мегирад, қисматҳои воқеа чӣ тафовуту умумиятҳо доранд, алоқамандии байни қисмҳо чӣ гуна сурат гирифтааст ва ғайра. Инчунин, оё он умумият ва тафовутҳо пас аз нақли воқеа ё ҳодиса дар рӯҳияти онҳо ягон дигаргунӣ ҳосил кардааст? Ҳангоми фаҳмондани матлаб, пеш аз ҳама худи омӯзгор бояд ба ҳамаи талаботи гӯяндагиву пурсандагӣ риоя кунад. Чунки ҳолати дарк кардани фазои синф барои вай шинос аст. Аз ин нуқтаи назар, ана ҳамин масъулиятро ҳис кардани омӯзгор дар оянда ба хондану омӯхтани шогирдон кумаки аввалиндараҷа мешавад.

**Кор дар болои матн.** Ин марҳилаи корӣ бошад бештар ба худи хонанда вобастагӣ дорад. Яъне, хонанда барои хондани матн дар худ завқи эстетикӣ бояд бедор намояд. Ҳама гуна матни бадеӣ бо шавқи том хонда шавад, дарки мазмуннокии он осон мегардад. Ин қисмати дарс хеле муҳим буда, он асосан дар фаъолияти мактабиёни синфҳои 5-8 татбиқ карда мешавад. Чунки айнан дар ҳамин синну сол тафаккури ба адабиёт доштаи мактабиён ривоҷ меёбад. Мавзӯи дарсҳои адабиёт низ нисбат ба синфҳои ибтидоӣ як навъ мукаммал ва муфассалтар баён карда мешаванд. Дар китобҳои дарсӣ ҳам риоя шудани ин талабот ҳатмист. Яъне, матнҳо бояд дар ҳаҷми фарохтар дода шуда, хусусияти синнусолии хонандагон дар назар дошта шавад. Он гоҳ омӯзиши хондани осори мансур осон мегардад. Мавзӯъҳо ҳаҷман калонтар ва мазмунан фарохтар пешниҳод карда мешаванд. Зеро чунон ки маълум аст, таълими адабиёт дар ин синфҳо хониши адабӣ буда, аз рӯйи нишондоди М. Қозиҷонов дар рафти омӯзиш чунин талабот ба субут мерасанд: дар синф ва дар хона хондани матн, бо овози баланд ва ё овоз набароварда хондан, аз рӯйи матни хондашуда нақша сохтан, нақли порчаи хондашуда, мазмуни идеявии асар, таҳлили образҳо, забон, нақли хаттӣ, баёни эҷодӣ, иншо ва ғайра.

Дар ин бора адабиётшинос Б.С.Найденов ҳангоми омӯзиши асарҳои бадеӣ, пеш аз ҳама, ду навъи ҳикоягӯйиро аз рӯйи матн – батафсил ва бадеӣ тавсия кардааст. Таҷриба нишон дод, ки пешниҳодҳои олим самараи хуб дода метавонад. Дар ин бора мухтасар таваққуф менамоем.

Ҳикоягӯии батафсил, махсусан, дар синфҳои 1-3 ва 5-8 фаровон истифода бурда мешавад. Талаботи асосии он аз ҳамин иборат аст, ки донишомӯзон баробари мазмуну мундариҷаи асар, инчунин ба тасвиру тавсифҳои забони нависанда эътибор дода, салису фасеҳбаёниро ёд мегирад. Аҳамияти ин навъи нақл боз дар он аст, ки диққату эътибор ва хотираю ҷаҳонбинии мактабиён инкишоф дода мешавад. Вазифаи асосии ин навъи ҳикоя наздик будани нақл ба мазмуни матн, табиӣ будани тарзи гуфтор ва фораму шевоии оҳанги баён мебошад. Дар ин замина аз омӯзгор талаб карда мешавад, ки вақти хондани матнҳо дар бораи услуби эҷоди муаллифон низ ист кунад. Зеро баъзан калимаву таркиб ва ё ибораҳои фразеологиву рехта пайи ҳам омада, дарки мазмуни матн душвор гардиданаш мумкин. Аз ин рӯ, вай вазифадор аст, ки мавриди омӯзиш тамоми ҷабҳаҳои маводи хондашавандаро дар назар гирад. Ана ҳамин эътибори омӯзгор дар оянда ба гуногунрангӣ ва ғановати забони шогирдони вай сабаб мегарданд.

Ҳикоягӯии бадеӣ зоҳиран ба ҳикоягӯии батафсил монанд мебошад, чунки ҳар дуяшон ҳам ба нигоҳ доштани мазмуну шакли матни муаллиф хос мебошанд. Вале ин ҷо нақл бояд пуробуранг ва бадеӣ бошад. Гӯянда нафосату балоғат ва латофату назокати суханро истифода карда, воқеаро муассиру ҳаяҷонбахш нақл карда тавонад. Хусусияти дигари фарқи ҳикоягӯии бадеӣ аз батафсил дар он аст, ки ҳангоми нақл аз воситаҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳу истиора, талмеҳу таҷнис ва ҳамчунин панду ҳикматҳои доири мавзӯъ фаровон истифода карда мешаванд. Дар ин гуна мавридҳо хидмати устодон низ хеле назаррас бояд бошад, бар он хотир, ки донишомӯз дар ҷараёни баён аз калимоту ибороти услуби гуфтугӯйӣ ва шеваю лаҳҷаҳои гуногун истифода набарад. Агар дар дохили матн порчаҳои шеърӣ оварда шуда бошанд, омӯзгор вазифадор аст, масъаларо аз нуқтаи назари муқоисавӣ боз ҳам обуранг бахшад. Яъне шогирдонро водор созад, ки маводи назмии хондаашонро бадоҳатан бо ифодаи худ дар назди ҳамсинфон равон баён намояд ва худаш пеш аз ҳама ба забони адабӣ риоя намояд.

**Хониши матн.** Дар дастурҳои омӯзишиву услубӣ ва асарҳои илмию методӣ хонишро асосан ба ду намуд – хониши овозӣ (шунаво, бо овози баландтар) ва хониши беовоз (яъне дар дил) ҷудо мекунанд, ки якеи ин тарзи хонишҳо асосан дар хона ва дигаре дар синф иҷро карда мешавад. Ҳамин аст, ки дар баъзе асару мақолаҳои методӣ хониши овозиро хониши синфӣ ва беовозро хониши хонагӣ номидаанд. Хониши хонагӣ бевосита ба амалиёти индивидуалии хонанда вобаста аст, яъне вай хондани асарро чӣ хел ба роҳ мемонад. Аммо хониши синфӣ бояд ҳатман аз тарафи омӯзгор ба назорат гирифта мешавад ва ҳамин эътибор барои ба меъёр даровардани хониши хонагии донишомӯз замина мегардад.

Ҳаминро ҳам таъкид кардан бамаврид аст, ки дар вақти хондани осори мансур муаллим ба талабагон бояд вазифаи роҳнамоиро иҷро намояд. Тибқи қобилият ва рефлекс донишомӯзон метавонанд дар хона ҳам барои баланд хондани матн ба худ шароит фароҳам оваранд. Чунки бисёр шудааст, баъзе хонандагон ҳангоми баланд хондани матн қобилияти даркашон зиёдтар гардида, мазмун ва маънои матнро ба хубӣ аз худ менамоянд. Яъне дар ин гуна мавридҳо муаллим бояд худ ҳассостар бошад ва тибқи табиати шогирдон кор барад.

Хулоса, тарзи дурусту бехато хондани осори мансур ва риояи меъёрҳои талаботи он ба донишомӯзон нафақат завқи зебоипарастӣ, балки шавқи ахлоқӣ низ мебахшад.

**Ҳикмат СУЛТОНЗОДА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ.**

*Ҳамзамонони мо*

***Чашм аз беҳтарин неъматҳост, ки Худованд ба инсон арзонӣ доштааст. Ҳамин дидагон ҳастанд, ки одам тавассути онҳо тамоми зебоиҳои зиндагиро мебинад, рангҳоро фарқ мекунад, шоҳиди ҳаводиси рӯзгор мегардад. Вале на ҳама ба қадри чашмони бино мерасанд. Хоса дар замони мо куфрони ин неъмат бештар мушоҳида мешавад.***

# ТАБИБИ ЧАШМ



Мо ҳоло дар бораи шахсе мехоҳем сухан бигӯем, ки хатоҳои одамони нисбати сиҳҳатии худ бепарво ва фориғболро ба ислоҳ меорад. Фазлиддин Қаландаров аз табибони номвари шаҳри Самарқанд аст. Дониши фароху таҷрибаи тӯли солҳо андӯхтааш вайро дар байни мардум соҳибэҳтиром кардаанд. Вай пизишки бемориҳои чашм мебошад. Имрӯз ҷомеаи мо ба духтурони чашм ниёзи бештаре дорад. Чунки бо ривоҷ ёфтани илм ва технологияи нав, ба монанди телевизор, компутер ва васоити алоқаи мобилӣ фаъолияти узви босираи одамон халал пайдо кардааст. Ин иллат тақозо дорад, ки бахши офталмологияи тибб ривоҷ ёбад ва мутахассисони соҳа барои бартараф сохтани мушкилоти пешомада чораҳои муассир биандешанд.

– Паст шудани неруи босира бештар дар байни кӯдакон ва наврасон ба мушоҳида мерасад, – мегӯяд Ф. Қаландаров. – Ин мушкилот барои кишварҳои ҷаҳон падидаи нав нест, онҳо барои ҳалли мушкили пешомада кайҳо корҳои хуберо ба сомон расонидаанд.

Духтури чашм дар он назар аст, ки кӯдакон набояд ба дарозо ҷаҳоннамо тамошо кунанд. Ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки модарон ба дасти кӯдакони худ чун бозича телефонҳои мобилиро медиҳанд. Он ба чашмони кӯдакони маъсум зиён карда, бемории миопия – наздикбиниро ривоҷ медиҳад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло аксари мардуми мо дар ҳаёти рӯзмарраи худ аз хидмати айнак истифода мекунанд ва солҳои охир бозори фурӯши он гарм шудааст. Ин аз он далолат мекунад, ки мардум дар неруи босираи худ иллат доранд ва замони кӯдакиву наврасӣ бинобар муносибати нохуш ба таҷҳизоти электронӣ ба фаъолияти чашмони хеш зарари ҷиддӣ расонидаанд. 20-30 соли пеш аз ин дар кишвари мо чунин мушкилот вуҷуд надошт, аммо аз ҷониби мутахассисони бахши офталмологияи тибб мунтазам ҳушдор дода мешуд, ки технологияи пешқадам боиси бемориҳои мухталифи чашм хоҳанд гашт.

Имрӯз Фазлиддин Қаландаров ва мисли ӯ садҳо духтурони чашм барои табобат ва пешгирии бемориҳои узви босира часпу талош доранд.

Фазлиддин Қаландаров зодаи деҳаи Хуфари ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё мебошад, соли 1972 дар оилаи омӯзгор Саидумар Қаландаров ба дунё омадааст. Оила аз 6 нафар писару духтар иборат аст ва Фазлиддин фарзанди сеюмини хонадон маҳсуб меёбад. Вақте азизтарин инсон – модари мушфиқи онҳо Маҳтарам Маҳмудова дар 42-солагӣ бар асари саратони мағзи сар аз дунё гузашт, андешаи духтур шудану ба инсоният кумак расонидан дар сари Фазлиддини донишомӯзи дабистон маҳкам ҷой гирифт. Ин аст, ки бо маслиҳати устодон ба илмҳои кимиё, биология ва забону адабиёти рус бештар таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Хеле мехост, ки мисли тағояш Хӯҷаназар Маҳмудов духтури ҳозиқе шавад ва ба мардум аз сидқ хидмат кунад. Ва ҳоло ӯ мегӯяд: – Кош модар зинда мебуду рӯзҳои неки фарзандонро медид, наберагони бешуморашро ба оғӯш мегирифту шоҳиди рӯзҳои некашон мешуд...

Фазлиддин Қаландаров баъди хатми мактаби миёнаи рақами 8-уми Сариосиё ба Донишкадаи давлатии тиббии Самарқанд дохил мешавад ва ин даргоҳи илмро соли 1996 бо ихтисоси педиатр (шифокори кӯдакон) хатм мекунад. Солҳои зиёд дар шуъбаи клиникаи бемориҳои чашми Донишкадаи тиббии Самарқанд, дар поликлиникаи бачагонаи ноҳияи Сариосиё чун духтури чашм (окулист) кор мекунад. Аммо орзуи омӯхтани бештари илми тиб ӯро дубора ба Самарқанд раҳнамун сохт. Вай ду соли дигар дар ординатураи клиникии кафедраи маризиҳои чашми Донишгоҳи тиббии Самарқанд хонд. Пас, ду соли фаъолияти кории худро дар бахши тиббиёти шуъбаи корҳои дохилии вилояти Самарқанд гузаронид. Ҳоло дар поликлиникаи рақами 4 ва клиникаи хусусӣ кор мекунад.

Фазлиддин айёми мактабхонии худро ба ёд оварда, нақл мекунад, ки аввалин устоди ӯ Равшан Шоҳниёзов буд. Инчунин вай устодони худ Қурбонмурод Назаров, Ҳамроқул Муҳаммадов, Саидалӣ Муҳаммадқулов ва Суннатуллоҳ Соҳибовро ба некӣ ном мебарад. Фазлиддини духтур аз он меболад, ки аз устодон таълими дуруст гирифтааст. Ҳоло ӯ ба мизоҷони бешумораш ба забони дилхоҳи онҳо – тоҷикиву ӯзбекиву русӣ бе душворӣ суҳбат мекунад.

*«Ҳар кас ба забони худ*
*сухандон гардад,*
*Донистани сад забонаш осон*
*гардад»,*

– мегӯяд ӯ дар тақвияти фикри худ ва аз бефарқии баъзе тоҷикон нисбати забони модарӣ хафа мешавад. Фазлиддин ба ёд меорад, ки вақти имтиҳоноти қабул ба Донишгоҳи тиббии Самарқанд дар мавзӯи озод – «Касби аз ҳама даркорӣ» иншо навишта, пешаи кишоварзиро тавсиф ва деҳқониро саромади ҳама хушбахтиҳо тасвир карда буд. Ва ин байти Носири Хусрав меҳвари он иншои озоди ӯ буда:

*Ҷаҳонро хуррамӣ аз*
*деҳқон аст,*
*Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.*

Фазлиддин Қаландаров ҳоло аз мутахассисони варзидаи соҳаи тибби бемориҳои узви босира мебошад. Ҳар рӯз даҳҳо беморро пазируфтаву ба дардашон шифо меҷӯяд ва маслиҳатҳои муфид медиҳад. Вай аз мизоҷони худ хоҳиш мекунад, ки дар паси монитори компутер дар як рӯз аз чаҳор соат бештар нашинанд, баъд аз 1,5-2 соат корро қатъ кардаву ба чашмони худ истироҳат диҳанд, ба дуриҳо нигаранд, ки ин амал барои чашмҳо хеле нафъовар аст. Ҳангоми истифода аз телефонҳои мобилӣ, кор бо компутер ва тамошои телевизион бояд аз айнакҳои махсус истифода кард. Дар акси ҳол неруи чашмон зудуда мешавад ва минбаъд аз эҳтимол дур нест, ки одам нобино гардад. Дар фасли тобистон истифодаи айнакҳои сиёҳ ҳатмист. Хоса дар муҳити Ӯзбекистон, ки тобистонаш хеле гарм мебошад. Ҳоло иқлими кишвари мо тағйир ёфта, ворид гардидани нурҳои инфробунафшу инфросурх бештар шудааст. Айнакҳои муҳофизатӣ шарти асосии барқарор мондани неруи босира мебошанд, – мегӯяд табиби чашм Фазлиддин Қаландаров.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

***Маълум, ки воҳаи Сурхон аз азал ватани паҳлавонон ва чапандозҳои ҷасуру моҳир аст. Аз ин ҷост, ки қариб дар ҳар хонадон чун рамзи ҷасорату шуҷоат асп мепоянд. Аспҳои зотӣ ҳам маҳз дар ҳамин ҷо парвариш меёбанд. Тӯйу тамошо, базму ҷашнҳо аксаран бо бузкашӣ мегузаранд. Анъанаи бузкашӣ аз навъҳои бозӣ ё худ варзиши миллӣ буда, мардуми мо аз қадимулайём ба он шуғл меварзанд, бо завқу шавқи беандоза онро тамошо мекунанд.***

# АНЪАНА ИДОМА ДОРАД

Алалхусус, ҳар сол ҳангоми таҷлили Наврӯз тамошои бузкашӣ ҳам баргузор мешавад. Ду сол инҷониб дар вилоят анъанаи бузкашӣ дар ҷашни Наврӯз ба мусобиқаи байналхалқӣ табдил меёбад. 26-27 марти соли равон низ дар «Мактаби маҳорати аспҳои Қарабойир», ки дар мавзеи Отчопари ноҳияи Тирмиз ҷойгир аст, сабқати байналхалқии бузкашӣ баргузор шуд. Дар он аспҳои тозӣ бо чапандозҳои моҳири Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон ширкат варзиданд. Мусобиқа хеле пуршиддат ва тезутунд гузашт.

Дар он ҳар як ҷамоа барои ба даст овардани мукофот ва ҷоизаҳои қимматбаҳо мардонавор баҳсу талош намуданд. Дар рӯзи аввал онҳо баъди баҳсу талошҳои пуршиддат соҳиби мукофоти арзанда гардиданд, дар натиҷа ҷамоаҳое, ки ба нимфинал ва финал баромаданд, аниқ карда шуд. Барои ҷойи сеюм ҷамоаи «Ӯзбекистон-1» ва «Мактаби маҳорати аспҳои Қарабойир» қувваозмоӣ карданд. Барои ҷойи якум ҷамоаҳои Қазоқистон ва Қирғизистон мусобиқа намуданд.



Саҳарии 27 март баҳсу талош боз ҳам пуршиддат давом кард. Дар натиҷа ҷамоаи Қазоқистон сазовори ҷойи якум гардида, соҳиби 100 миллион сӯм шуд. Ҷойи дуюм ва 75 миллион сӯм маблағ насиби ҷамоаи Қирғизистон гардид. Ҷойи сеюмро ҷамоаи «Мактаби маҳорати аспҳои Қарабойир» бо 50 миллион сӯм ишғол намуд.

Барои маълумот ёдовар мешавем, ки соли гузашта дар чунин сабқати байналхалқӣ ҷамоаи Қазоқистон ҷойи аввал, ҷамоаи Ӯзбекистон-1 ҷойи дувум ва ҷамоаи Ӯзбекистон-2 ҷойи сеюмро ишғол карда буданд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

# БОҒЧАИ СОҲИБКОР

***Дар ноҳияи Косон соҳибкори маъруф Азизбек Ғиёсов аз ҳисоби буҷаи худ як боғчаи замонавӣ бунёд кард.***

Расми кушоиши «Чахмоқ киндер» бо иди Наврӯзи оламафрӯз тавъам афтод ва ба аҳли ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Арабхона» туҳфаи идона гардид. Боғча муассисаи шарикии томактабии нодавлатӣ маҳсуб меёбад, ки таълиму тарбияти 125 нафар бачаро фаро мегирад.

Соҳибкор барои сохтмони бино ва пурра ҷиҳозонидани он 4 миллиард сӯм маблағ сарф кардааст. Дар он тамоми шароити таълим ва тарбияи кӯдакон муҳайё аст.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# КОМЁБИИ НАВБАҲОРИ МУШТЗАН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

***Дар чемпионати ҷаҳон аз рӯйи бокс, ки дар Ҳиндустон гузаронида шуд, муштзани самарқандӣ Навбаҳор Ҳамидова шарафи ватанамонро дар вазни 66 килограмм муносиб ҳимоя карда, соҳиби медали биринҷӣ гардид.***



Навбаҳор дар чорякниҳоии мусобиқа ба Имане Хелифи алҷазоирӣ имконияро бой дод. Сипас, муштзани алҷазоирӣ дисквалификатсия карда шуд ва Навбаҳор ба ҳайси ғолиби зинаи чоряркниҳоӣ эътироф гардид.

Боиси ёдоварист, ки донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Самарқанд Навбаҳор Ҳамидова соли гузашта дар чемпионати Осиё оид ба бокс, ки дар Урдун гузаронида шуд, медали тилло ба даст оварда буд.

Инчунин, дар чемпионати Осиё, ки соли ҷорӣ дар Бангкок байни муштзанҳои синнашон то 22-сола баргузор шуд, Навбаҳор Ҳамидоваи ҷомбоӣ пирӯзиро ба даст овард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# АЗ ҚАЛАМРАВИ ФАРҲАНГИИ ШОҲНОМА

Аз 3 марти соли 2023 то 12 март замоне аз тақвими рӯзгор аст, ки бо кӯшиши ду эронӣ – оқои Муҳаммадшоҳи Қосимӣ ва хонум Зиннати Дарёӣ аз ҷанубитарин қисмати сарзаминҳои фарҳангии Шоҳнома, Шоҳномае, ки сурудаи сутурги мероси фарҳангии ҷомеаи башарӣ мебошад, шоҳкори Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ аст, гурӯҳе аз Эрон – аз ду шаҳри фарҳангӣ дар вилояти Ҳурмузгон ба марказияти Бандар Аббос: яке аз шаҳри зебо бо мардуми деҳқонпеша бо номи Тируri Миноб ва якеи дигар аз шаҳри камназир бо номи Салахи Кишм бо мардуми дарёнавард ва дарёпеша воқеъ дар ҷуғрофиёи сиёсии имрӯзи кишвари Эрон, ки онҳоро бо ҷуғрофиёи сиёсии имрӯзи кишвари Ӯзбекистон кашонид, то дар шаҳри таърихии ҷодаи абрешим мавсум ба Самарқанд, дар деҳаи Чаҳоршанбе дар базми фархунда ширкат ҷӯянд. Ба хушюмнии рӯзгор мусофирати онҳо ҳамзамон шуд бо маросими издивоҷи ду ҷавони раъно ва рашид Сарвиноз ва Ҷовидон.

Оқои Ҷовидон – фарзанди Амина Шарофиддинова аз шахсиятҳои фарҳангии ин шаҳри бостонӣ ва номовару номошнои дирӯз, ки имрӯза ҳам шаҳри дӯстдоштанӣ ва шукӯҳманд аст, мебошад. Онҳоро насиб гашт, ки дар ин маросим ширкат кунанд ва шоҳиди муфтахар ба ҳузур дар фархундаҷашни самимӣ бошанд, ки он ду дилдода дар паймони заношӯии худ ба базм пардохтанд.

Оқои Муҳаммадшоҳи Қосимӣ дар ростои алоқамандиҳои ҳунарӣ ва фарҳангии худ бо баҳрагирӣ аз зуҳри донишвари андешаманд ва пажӯҳандаи фарҳангии муосири ҷанубии кишвари Эрон устод Алии Ризоӣ фестивали арзишмандеро дар шаҳри ҷанубии Тирури Миноб поягузорӣ кардааст, ба номи «Сур, сурно ва зиндагӣ», ки ҳарсола бо ҳамкории ниҳоди шаҳрдории Тирур теъдоде аз мусиқинавозони маҳаллӣ дар устони ҳурмузгон ва теъдоде аз мусиқинавозони суннатӣ аз бақияи сарзаминҳои Эронро гирди ҳам меоварад, то дар чанд рӯзи шодиовар дар айёми наздики баҳор ҳар сол пеш аз Наврӯз қитъаоте аз мусиқиеро, ки ҳосили офаринишҳои мусиқинавозони суннатӣ аз гузашта то ба ҳол будааст, худ бишнаванд ва ҳам ин, ки ҳосили кори худро ба гӯши мардум бирасонанд. Дар ин фестивал ойинҳое, ки аз гузашта то ба ин ҳол роиҷ будааст, намоиш дода мешавад ва ҳамчунин вуҷуде аз мусиқӣ, ки бо зиндагӣ ва маишати мардум иртибот дорад, иҷро мегардад ва ба маърази намоиш гузошта мешавад.

Бону Зиннат Дарёӣ низ бо аҳдоси як сарои фарҳангӣ, ҳунарӣ ва иқомате дар шаҳри Салахи ҷазираи Кишми вилояти Ҳурмузгон бо номи «Боғи ойинҳои Зиннат» дар корномаи худ дорад. Ҷазираи Кишм аз бузургтарин ва зеботарин ҷазоири ҷаҳонӣ дар ҷануби Эрон ва дар минтақаи Осиёи Ҷануби Ғарбӣ аст ва ҳарсола ҷашнвораҳои мутааддиди суннатӣ дар он баргузор мегардад. Аммо дар шаҳри Салахи он ҷазира бо ҳиммати Зиннати Дарёӣ намоишҳои зиёду зебои ойинӣ назири «Зор», «Чабборборон», «Наврӯзи сайёд» ва мусиқиҳои роиҷи ҷанубӣ ва мусиқиҳои хоси дарёнавардони эронӣ дар он баргузор мешавад. Ва ҳоло имсол ин ду ҷусторгар ва дилбастаи фарҳангу ҳунар камина ва Зиннати Дарёӣ илова бар худашон гурӯҳеро аз иёлоти ҷанубии Ҳурмузгон ба сарзаминҳои таърихии водии абрешим – Самарқанду Бухоро оварданд. Дар гирдиҳамоии ин гурӯҳ бо мардуми Самарқанд ва Бухоро, хусусан дар деҳаи Чоршанбе ту гӯӣ, ки фарзандони Ҳофиз, Саъдӣ ва Фирдавсии бузург ба меҳмонии фарзандони Абӯабдуллоҳи Рӯдакии Самарқандӣ омада буданд ва аз паси солиён ва таърихи гузашта чи базми хушиворе шуд, базме шуд фаромӯшношуданӣ.

**Муҳаммадшоҳ ҚОСИМӢ.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4618 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.